# Меъёри бозтамвил 0,5 банди фоизӣ паст карда шуд.

Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон №36, аз 09 феврали соли 2024 ҷиҳати 0,5 банди фоизӣ паст кардани меъёри бозтамвил ва дар сатҳи 9,5 фоизи солона муқаррар намудани он қарор қабул гардид. Қарори мазкур дар асоси муътадил гардидани сатҳи нархҳои дохилию ҷаҳонии молу маҳсулот ва дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёт, инчунин бо назардошти аз доираи ҳадафи муқарраргардида паст қарор доштани сатҳи таваррум қабул карда шуд.